# 11 Ташкил ва такмили системаи маърифат, тайёркунии кадрҳо ва огоҳсозии ҷомеа аз масъалаи тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он

## 11.1. МУҚАДДИМА

Баланд бардоштани огоҳонии ҷомеа ва инкишофи донишҳои марбут ба масъалаи тағйирёбии иқлим, таъсири антропогенӣ ба системаи иқлимӣ ва оқибатҳои номусоид вобаста ба он дар баланд бардоштани самаранокии чораандешиҳо ва таҳияи самтҳои нави сиёсати давлатӣ дар ин соҳа аҳамияти калон дорад.

Таҳия ва амалӣ кардани тадбирҳо дар роҳи маърифат ва огоҳсозии аҳли ҷамъият дар мавриди масъалаҳои тағйирёбии иқлим, беҳтар кардани дастрасии ҷомеа ба иттилооти доир ба тағйирёбии иқлим, тайёр кардани ходимони илмӣ, техникӣ ва идорӣ аз ҷумлаи ӯҳдадориҳои Тоҷикистон барои иҷрои Конвенсияи Меъёрӣ (моддаи 6) аст.

Дар оянда таҳияи як барномаи муносиб дар асоси омӯзиши амиқи ниёзмандиҳои ҷумҳурӣ ба такмили системаи мавҷудаи маърифати экологӣ ва тақвияти огоҳии ҷамеа дар бораи масъалаҳои тағйирёбии иқлим зарурат дорад.

## 11.2. СИСТЕМАИ МАЪРИФАТ ВА ДАРЁФТИ ДОНИШҲО

Идора кардани системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷанбаи давлатию ҷамъиятӣ дорад ва ба воситаи мақомоти давлатии ваколатдор амалӣ мегардад. Системаи маърифат ва ба даст овардани дониш муассисаҳои зеринро дар бар мегирад: муассисаҳои томактабӣ ва беруназмактабӣ, ибтидоӣ, мактабҳои асосӣ ва миёна, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбҳои техникӣ, техникумҳо, коллеҷҳо, донишгоҳҳо ва ҳамчунин институтҳо ва марказҳои дигари тақсимоти баъдидипломӣ (такмили ихтисос), аспирантура ва докторантура.

Дар ҷумҳурӣ шабакаи инкишофёфтаи муассисаҳои таълимӣ вуҷуд дорад, вале иқтидори кадрҳои педагогӣ, сатҳи маблағгузории таълиму тарбия ва суст шудани пойгоҳи моддию техникӣ барои ба даст овардани маълумоти боистаю муносиб дар баъзе ноҳияҳои кишвар мусоидат намекунад.

Бо мақсади ҳалли амалии масъалаи таълиму тарбияи экологии аҳолии кишвар «Барномаи давлатии тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2010» (соли 1997) амал мекунад. Ин барнома асоси сиёсати давлатӣ дар соҳаи таълими экологӣ ба шумор рафта, ба ташаккули тафаккури экологии шаҳрвандон ва мавзеъгирии фаъоли иҷтимоии онҳо ҳамчун посдорони муҳити зист равона шудааст (расми 11.1).

Дар барномаи мактабҳои таълими умумӣ фанҳои таълимие ҳастанд, ки дар онҳо шароити ташаккул ёфтани иқлим, омилҳои асосии иқлимӣ ва аҳамияти онҳо барои табиати зинда баррасӣ мегардад. Дар барномаҳои мактабҳои олӣ курси экология ва ҳифзи муҳити зист дар назар гирифта шуда ва

дар баъзе тахассусҳо илмҳои иқлимшиносӣ, ҳавошиносии синоптикӣ, яхшиносӣ, обшиносӣ, агрометереология, беҳдошти умумӣ, экологияи нақлиётӣ ва ғайра дохил ва ҷорӣ шудаанд. Вале дар ин барномаҳо масъалаҳои вобаста ба проблемаи таъсири антропогенӣ ба иқлим ва оқибатҳои ногувори тағйирёбии иқлим баррасӣ намегардад.

## 11.3. ВОСИТАҲОИ АХБОРИ УМУМ

Воситаҳои ахбори умум муҳимтарин омили баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа дар бораи вазъияти муҳити табиӣ ва эҷоди ҷаҳонбинии экологӣ дар миёни аҳолӣ маҳсуб мегарданд.

Матбуот, радио ва телевизион воситаҳои асосии ахбори умум дар кишвари мо ба шумор мераванд.

Дар Тоҷикистон 259 нашрия, аз ҷумла 20 нашрияи ҷумҳуриявӣ номнависӣ шудаанд, ки 85-тои он ба таври мунтазам чоп мешаванд. Нашрияҳои алоҳида масъалаҳои экология ва аз ҷумла бюллетени экологии Вазорати ҳифзи табиат, рӯзномаи «Наврӯзи Ватан», бюллетенҳои иттилоотии созмонҳои экологии ғайриҳукуматӣ масъалаҳои экологиро матраҳ ва баррасӣ менамоянд.

Радиои миллӣ се канал дорад ва гуфторҳову нашароти кишварҳои ҳамсоя низ дар ҳама ҷо шунида мешаванд. Дар радио бо оғоз шудани таҳияи Нахустин гузориши миллӣ ва Нақшаи миллӣ фаъолият доир ба тағйирёбии иқлим масъалаҳои тағйирёбии иқлим инъикос ёфтан гирифт. Мутахассисону донишмандони барҷастаи кишвар аз тариқи радио дар мавзӯъҳои муҳим суханронӣ карданд.

Тавре ки арзёбии огоҳии аҳли ҷомеа, ки дар минтақаҳои кишвар анҷом гирифт, нишон медиҳад, телевизион манбаи асосии маълумот дар бораи масъалаҳои экологӣ ба шумор меравад. Дар телевизион барномаҳои «Мо ва табиат», «Олами ҳайвонот» ва мусобиқаҳои кӯдакон дар мавзуи табиат намоиш дода мешавад.

Бо вуҷуди ин масъалаи тағйирёбии иқлим дар воситаҳои ахбори умум ба андозаи кофӣ таблиғ намешавад, ки далели равшани норасоии иттилооту маълумоти лозим ва дарк нашудани аҳамияти ин масъала аст.

Бо вуҷуди он, ки масъалаҳои ҳифзи муҳити зист гоҳ-гоҳ дар воситаҳои ахбори умум инъикос меёбад, аҳолии кишвар огоҳии кофӣ дар бораи проблемаҳои тағйирёбии иқлим надоранд. Ва ин, дар навбати худ, протсеси иштироки аҳли ҷамъиятро дар фаъолияти марбут ба иҷрои Конвенсияи Меъёрӣ ва дарёфти маълумоти мӯътамад роҷеъ ба тағйирёбии иқлим кунд месозад.

## 11.4. ИТТИЛООТ ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ ВА ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Дастрасӣ ба шабакаи Интернет дар ҷумҳурӣ хеле маҳдуд аст. Ҳоло шумораи истифодабарандагони шабакаи Интернет, ки ба хатҳои пайвасткунанда ва ё махсус васл шудаанд тақрибан 2 ҳазор аст.

Маҳдуд будани шумораи истифодабарандагони хадамоти шабакаи Интернет ба сабаби душвориҳои техникӣ ва баланд будани нарх насб ва истифода аст. Аммо вақтҳои охир ифтитоҳи ширкатҳои нав ба беҳтар шудани дастрасӣ ба шабакаи Интернет ва коҳиши нарх хадамот мусоидат намудааст.

Паҳнкунии иттилооти экологӣ, аз ҷумла дар бораи масалаҳои тағйири иқлим бо истифода аз шабакаи Интернет, дар таъмини дастрасии доираҳои васеи маҳфилҳои иҷтимоии ҷаҳон ба маълумоту огаҳӣ дар бораи Тоҷикистон ва мубодилаи иттилоот муҳимтарин унсур ба шумор меравад.

Аввалин бор гузориши электронии вазъи муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998 дар шабакаи Интернет ҷой дода шуд. Ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалии ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла Барномаи муҳити зисти СММ, имкони ба вуҷуд овардани иттилооти комилтару самараноктарро фароҳам сохтааст, ки аз он ҷумлаанд:

- шарҳи электронии гузориши «Харитаҳо ва ҷадвалҳои муҳими муҳити зист ва тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар ҳимоя аз таҳияи Нақшаи фаъолияти миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим (http://www.grida.no/enrin/htmls/tadjik/vitalgraphics/eng/index.htm);
- шарҳи электронии гузориши вазъияти муҳити зист дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва дорои маълумоти вазъи иқлим, захираҳои обу замин, гуногунии биологӣ, қабати озон ва ҳамчунин омилҳои таъсири антропогенӣ ва тадбиру чораандешиҳо мебошад. (http://www.grida.no/enrin/htmls/tadjik/soe2/eng/);
- маълумоти экологӣ дар бораи шаҳри Душанбе, аз ҷумла оид ба тағйирёбии иқлим, сифати ҳавои атмосфера, пароканиши моддаҳои олудагиовар (http://www.ceroi.net/reports/dushanbe/Eng/index.htm).

Сарраёсати обуҳавосанҷӣ шарҳи электронии гузоришҳои доир ба аномалияҳои иқлимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2000 ва маълумоти мушоҳидаҳои дарозмуддати ҳавошиносиро аз рӯи истгоҳҳои системаи глобалии мушоҳидаи иқлим дар Тоҷикистон тайёр кардааст. Дар дискҳои электронӣ маводу санадҳои семинарҳои миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим дарҷ гардидааст.

## 11.5. ҲАРАКАТҲО ВА СОЗМОНҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ЭКОЛОГӢ

Созмонҳои экологии ғайриҳукуматӣ дар ташаккули афкори умумӣ ва маърифати экологӣ нақши муҳиме иҷро карда, барои ҳаллу фасли масъалаҳои экологӣ, алалхусус дар сатҳи маҳаллӣ имконоти муайян доранд.

Имрӯз дар Тоҷикистон 40 созмони экологии ғайридавлатӣ вуҷуд дорад. Як қисми онҳо ба таълиму тарбияи экологӣ ва қисми дигар ба татбиқи тадбирҳои ҳифозати табиат машғуланд. Дар натиҷаи кӯшишҳои созмонҳои ҷамъиятӣ чораандешиҳои марбут ба поксозии минтақаҳои аз ҷиҳати экологӣ нозуку ҳассос, беҳсозии ҳолати беҳдоштии шаҳрҳо, дарахтшинонӣ ва тарҳҳои намоишии марбут ба сарчашмаҳои алтернативии (барқароршавандаи) энергия амалӣ гаштааст. Бо қабул шудани Конвенсияи Орхус аз тарафи Тоҷикистон дар бораи дастрасӣ ба иттилооти экологӣ имконоти нави диалоги байни сохторҳои ҳукуматӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омадааст. Вале масъалаи тағйирёбии иқлим дар ҳоли ҳозир дар фаъолияти созмонҳои ғайриҳукуматӣ, чунонки бояду




Сарчашма: А.Қаюмов

Расми 11.1.

шояд, мавриди таваҷҷуҳ қарор нагирифтааст ва ин амр амалӣ намудани тадбирҳоро барои фаъолсозии иштироки созмонҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ дар ин соҳа талаб мекунад.

## 11.6. КОРҲО ВА ИНТИШОРОТИ ИЛМӢ ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Корҳои илмӣ дар соҳаи омӯзиши тағйирёбии иклим на танҳо асоси ташаккули донишу маълумот мебошанд, балки пояи сиёсат ва афкори умумиро низ ташкил медиҳанд.

Фаъолияти созмонҳои илмию таҳқиқотӣ ба омӯзиши ҳамаҷонибаи шароити табиию иқлимии Тоҷикистон ва табъу нашри як силсила асарҳои фундаменталии корбурдӣ мусоидат намудааст.

Дар солҳои 1960-1980 маълумотномаи иқлимии Тоҷикистон, Атласи Тоҷикистон бо харитаҳову ҷадвалҳои шароити иқлимӣ, рисолаҳо ва маҷмӯаҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

Нашрияҳои масъалаҳои экологӣ иборатанд аз:

- нашрияҳои илмие, ки дар онҳо таҳқиқот ва ҳаллу фаслҳои нави илмӣ дарҷ шудаанд;
- натиҷаҳои мониторинг, ки дар бораи вазъияти муҳити зист ва суръати он маълумот медиҳанд;
- нашрияҳои доир ба таъсиррасонии манфӣ ба муҳити зист ва технологияҳои коҳиши пароканишҳои зарарнок ба атмосфера;
- натиҷаҳо ва ҳисоботи конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ.

Таҳлили миқдори нашрияҳо аз ҷиҳати навъи онҳо нишон дод, ки бештарин миқдори нашрияҳо (60%) ба таҳқиқоти илмии проблемаҳои экологӣ бахшида шуда ва 25% интишорот намоёнгари натиҷаҳои мониторинг аст.

Як қисми корҳо қонунмандиҳои ташаккули шароити иклимӣ ва падидаҳои гидрометеорологӣ дар ҳудуди Точикистон ва минтақаи Осиёи Марказиро инъикос намуда, қисми дигар суръати захираҳои об, яхбандӣ ва робитаи онҳо бо омилҳои иқлимиро тасвир менамояд. Нашрияҳои марбут ба пароканиши моддаҳои зарарнок ба таҳлили таъсирррасонӣ ба захираҳои табиӣ ва саломатии аҳолӣ алоқаи зич доранд.

Вале, масъалаи тағйирёбии иқлим бо фаҳмиши ҳозираи он дар тамоми намудҳои нашрияҳо ба қадри кофӣ инъикос наёфтааст ва ин кор талаб мекунад, ки дар маълумотномаҳои иқлим, дастурҳои методӣ ва харитасозӣ, тағйироти лозим дароварда шавад. Имконоти наве барои таҳқиқи иқлим ва масоили тағйирёбии иқлим, аз ҷумла бо истифода аз моделҳои компютерӣ, методологияҳои байналмилалии ГБКТИ ва Барномаи муҳити зисти СММ ба вуҷуд омадааст.

Афзоиши микдори нашрияҳо дар солҳои 2000-2002 натиҷаи татбиқи тадбирҳои илмию амалӣ оид ба масъалаи тағйирёбии иқлим аз қабили семинарҳо, конференсияҳо ва пажӯҳишҳои илмӣ мебошад.

Бо оғоз шудани фаъолият барои таҳияи Нахустин гузориши миллӣ ва Нақшаи миллии фаъолият ба тағйирёбии иқлим заминаи таҳқиқоти илмии ҳадафманд ва таҳлили масъалаҳои вобаста ба тағйири антропогении иқлим

муҳайё гашт. Дар доираи ин фаъолият хулоса ва маҷмӯъаи маърӯзаҳоро оид ба тағйирёбии иқлим, барӯйхатгири партобҳои газҳои парникӣ ва арзёбии ҳассосияту таъсирпазирӣ, ки аз тарафи мутахасссисону олимони варзидаи кишвар тайёр карда шудааст, чоп шудаанд. Монографияи «Таъсири тағйирёбии иқлим ба вазъи саломатии инсон» ба нашр расид. Бештар аз 150 харитаву намудорҳо дар бораи масъалаи тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистон таҳия гардид.

## 11.7. АРЗЁБИИ ОГОҲОНИИ ҶОМЕА АЗ ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ

Дар ҷараёни таҳияи Нақшаи миллии фаъолият, аз соли 2000 сар карда, ҷиҳати гуногуни масъалаи тағйирёбии иқлим бо иштироки Ҳукумат, маҳфилҳои илмӣ, намояндагони минтақаҳо ва воситаҳои ахбори умум семинарҳо барпо гардиданд. Семинарҳо имкони шаклдиҳии ақидаи ягонаро дар бораи аҳамияти масъалаи тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он барои кишвар ва тамоми ҷомеаи ҷаҳонӣ фароҳам сохтанд.

Дарку фаҳмиши беҳтари масъалаи тағйирёбии иқлим дар сатҳи мақомоти ҳукуматӣ имкон додааст, ки заминаи интегратсияи ҷиҳатҳои мухталифи он дар тарҳрезии сиёсати соҳавӣ эҷод гардад ва дар сатҳи ҷомеа барои ба вуҷуд овардани асоси хубе барои татбиқи чораҳои андешидашуда кумак ва мусоидат намояд.

Арзёбии огоҳии ҷамъиятӣ дар чандин марҳала аз октябри соли 2000 то марти соли 2002 анҷом дода шуд. Дар пурсишҳо намояндагони минтақаҳои кишвар, ки дорои синну сол ва касбу кори мухталиф буданд, иштирок карданд.

Таҳлили натиҷаи пурсишҳо нишон дод, ки аҳолӣ ба таври куллӣ дар бораи проблемаҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим хабару огоҳии кофӣ надоранд. Ин гуфта пеш аз ҳама ба факторҳои таъсири антропогенӣ ба иқлим, арзёбии тамоюли тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он дахл дорад.

Ва ин ба якчанд сабаб вобаста аст:

- бинобар нав будани масъала дар Тоҷикистон воситаҳои ахбори умум (ВАУ) ва созмонҳои ҷамъиятӣ ахбору маълумоти марбут ба тағйирёбии иклимро ба дараҷаи лозим шарҳу баён намекунанд;
- дар барномаи мактабҳои миёна ва олӣ мавзӯъҳои марбут ба тағйирёбии иқлим ва таъсири фаъолияти инсон ба иқлим вуҷуд надорад;
- рукунҳои миёнаи идорӣ (роҳбарони ҳукуматҳо, корхонаҳо) дар бораи масъалаи тағйирёбии иқлим огоҳии кофӣ надоранд;
- брошураҳову китобҳои оммавӣ чоп намешаванд ва шабакаи Интернет барои бештари аҳолӣ дастрас нест.

## 11.8. ТАДБИРҲОИ ТАКМИЛИ СИСТЕМАИ МАОРИФ, ТАРБИЯИ КАДРҲО ВА БЕҲСОЗИИ ОГОҲИИ ҶОМЕА ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАҒЙИРИ ИҚЛИМ ВА ОҚИБАТҲОИ ОН

Дастгирӣ ва дарки масъалаи тағйирёбии иқлим чи аз тарафи шахсоне, ки сиёсатро муайян мекунанд ва чи маҳфилҳои васеи илмӣ ва ҷамъиятӣ асоси хубе барои амалисозии муваффақиятомези тадбирҳои Нақшаи миллӣ фаъолият ба шумор меравад. Аз ин дидгоҳ тайёр кардани кадрҳо ва хабардорсозии аҳолӣ

дар бораи масоили тағйирёбии иқлим дорои аҳамияти зиёд аст. Татбиқи чунин чораандешиҳо дар асоси сохторҳои мавҷуда, системаи маорифу омӯзиш ва густариши иттилоот ва ҳамчунин аз тариқи ба вуҷуд овардани сохторҳои нав мувофиқи мақсад хоҳад буд.

### 11.8.1. АСОСИ ҚОНУНИЮ ҲУҚУҚӢ

Дар соли 1996 Ҳукумати Ҷумҳури «Барномаи давлатии тарбияи маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2000 ва барои давраи то соли 2010»-ро таҳия ва тасдиқ намуд (№ 93 аз 23 феврали соли 1996).

Вале дар ин ҳуҷҷати боло бурдани сатҳи маълумоту огоҳии аҳолӣ доир ба масъалаи тағйирёбии иқлим пешбинӣ нашудааст. Дар воситаҳои ахбори умум, дар системаи таълиму тарбия масъалаи тағйирёбии иқлим шарҳ дода намешавад. Ҷиҳати ба вуҷуд овардани появу асоси татбиқи самараноки тадбирҳо қабули як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва огоҳии аҳолӣ дар бораи масъалаи тағйири иқлим, кам кардани партобҳои антропогении газҳои парникӣ ва мутобиқшави аз тариқи Вазорати маориф, ВАУ маъмурияти ҳукуматҳо ва корхонаҳо зарур аст.

### 11.8.2. АСОСИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ВА ҲАМКОРИИ БАЙНИИДОРӢ

Барои ҷамъоварӣ, таҳлил ва пахшкунии иттилоот дар бораи тағйирёбии иқлим ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи байналмилали ва ҳамчунин мусоидат ба татбиқи тадбирҳои НМФ бояд «Маркази иттилоотии тағйирёбии иқлим» (МИТА) ташкил карда шавад ва ҳамоҳангсози иҷрои моддаи 6-и Конвенсияи Меъёрӣ таъйин гардад. Вазифаҳои асосии МИТА аз инҳо метавонад иборат бошад:

- ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилооти мавҷудаи қобили дастрасии миллӣ ва байналмилалӣ доир ба тағйирёбии иқлим, оқибатҳои ин тағйирот ва тадбирҳои марбут ба пешгирии оқибатҳои манфӣ ва мутобиқият:
- таъсиси мудирияти созмонҳову шахсони машғул ба иҷрои моддаи 6-и Конвенсияи Меъёрӣ ва тақвияти ҳамкорӣ бо онҳо ҷиҳати иҷрои иқдомоти лозима.
- огоҳсозии мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷамъият аз навтарин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар заминаи тағйирёбии иқлим;
- дастгирии методии фаъолияти вазоратҳо, идораҳо ва ВАУ барои ташкили барномаҳои таълимӣ, таҳияи маводи таълимӣ ва иттилоотӣ доир ба масоили тағйирёбии иқлим;
- мусоидат намудан дар тайёр кардани кадрҳои илмӣ аз тариқи аспирантура ва доктарантура доир ба масоили тағйирёбии иқлим;
- баргузории тамринҳову семинарҳо барои муассисаҳои таълимӣ воситахои ахбори умум ва роҳбарони ҳукуматҳову созмонҳо доир ба масоили тағйирёбии иқлим, аз ҷумла тадбирҳои марбут ба маҳдудсозии паробҳои газҳои парникӣ ва мутобиқият.

Паҳн кардани донишу маълумот оид ба масъалаи тағйирёбии иқлим, мувофиқи мақсад аст, ки дар асоси системаи мавҷудаи таълиму маърифатӣ, ВАУ, маъмурияти ҳукуматҳо ва корхонаҳо сурат гирад. МИТИ, Сарраёсати

обуҳавосанҷии Вазорати ҳифзи табиат, Академияи илмҳо, мактабҳои олӣ, институтҳои соҳавии илмию таҳқикотӣ манбаи донишу маълумот ба шумор меравaнд. Вазорати маориф барномаҳои таълимиро тахлил менамояд ва муассисаҳои таълимӣ, ин барномаҳоро дар рафти таълим амалӣ месозанд. ВАУ мақолаҳо ва силсилаи гуфтору намоишҳои радио-телевизионӣ нашр менамоянд. Маъмурияти ҳукуматҳо ва корхонаҳо дар бораи тағйирёбии иқлим семинарҳои мавзӯъӣ мегузаронанд.

### 11.8.3. БЕҲТАРСОЗИИ СИСТЕМАИ МАЪРИФАТ ВА ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲО

Тайёркунӣ ва бозомӯзии муаллимони мактабҳои миёнаву олӣ ва дохил кардани соатҳои дарсӣ оид ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим, аз ҷумла таъсири антропогенӣ ба системаи иқлимӣ ва оқибатҳои он барои захирахои табиӣ, иктисодиёт ва саломатии аҳолӣ дар татбиқи тадбирҳои оид ба беҳсозии системаи равшангарии масоили тағйирёбии иқлим нақши муҳим дорад.

Тадбирҳои асосӣ барои беҳсозии системаи маориф ва тайёр кардани кадрҳо дар соҳаҳои алоқадошта бо проблемаи тағйирёбии иқлим корҳои зеринро дар мадди назар дорад:

- таҳияи маводи дарсӣ ва ташкили курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос ва ҳамчунин гузаронидани семинарҳо барои муаллимони муассисаҳои омӯзиши олӣ ва миёна дар бораи масъалаи тағйирёбии иқлим;
- таҳияи барномаи дарсӣ барои мактабҳои миёна ва олӣ бо мақсади ҷорӣ кардани таълими масойилу мавзӯҳои тағйири иқлим:
- ворид кардани курсҳои экология, физика, химия, ҷуғрофия биология, ва гигиена ва шарҳи мухтасари ҷараёнҳои сабабгори тағйироти иқлимӣ ва оқибати ин тағйирот дар мактабҳои миёна ва олӣ;
- ба барномаи таълими иқтисодиёти мактабҳои олӣ ворид кардани шарҳи оқибатҳои иқтисодии тағйирёбии иқлим, усули арзёбии зарари иктисодӣ аз фалокатҳои табиӣ ва таҳлили самаранокии иқтисодии тарҳҳову тадбирҳои доир ба партобҳои газҳои парникӣ ва мутобиқсози;
- дар факултаи ҳавошиносӣ ҷорӣ намудани курсҳои махсуси омӯзиши амиқи ҷараёноти табиӣ ва антропогении таъсиркунанда ба системаи иқлимӣ, индикаторҳои тағйирёбии иқлим ва усули пешбинии обуҳаво бар асоси моделҳои компютерӣ ва таҳқиқоти инструменталӣ;
- таҳия ва нашри замимаҳои китобҳои дарсӣ барои факултаҳои физикаву техника, ҷуғрофия, тиб, кишоварзӣ ва иқтисод доир ба проблемаи тағйирёбии иқлим;
- таҳияи маводи визуалии таълимӣ, лавҳаҳо ва слайдҳои намоиш барои шарҳи оммафаҳми системаи иқлимӣ ва падидаи асари парникӣ, таъсири табиӣ ва антропогенӣ ба иқлим ва оқибатҳои тағйироти иқлимӣ;
- таҳия ва паҳн кардани китобҳои дарсӣ доир ба тағйироти иқлимӣ барои омӯзиши амиқ ва факултавӣ дар мактабҳои миёна ва олӣ.

### 11.8.4. ОГОҲСОЗИИ ҶОМЕА ВА ВОСИТАҲОИ АХБОРИ УМУМ

Мақсад аз ҷой додани маълумоти объективӣ дар бораи тағирёбии иқлим дар воситахои ахбори умум беҳтар кардани дарку фаҳми аҳли ҷамъият дар бораи аҳамияти масъалаи тағйирёбии иқлим ва таълими ҳимояти ҷомеа дар

иҷрои тадбирҳои доир ба кам кардани паробҳои газҳои парникӣ ва мусоидат ба мутобиқшави аст.

Тадбирҳои марбут ба таблиғи масъалаи тағйирёбии иқлим ва огоҳсозии аҳли ҷамъият дар ВАУ иқдомоти зеринро дар назар дорад:

- баргузории семинарҳо барои коркунони ВАУ доир ба усули оммавӣ кардани донишҳои илмӣ ва шаклҳои муосири пешниҳод кардани маълумоти доир ба тағйири иқлим;
- ташкили силсилаи гуфтору барномаҳои радиоӣ ва телевизионӣ дар бораи сабабҳои тағйироти иқлими глобалӣ, дар бораи оқибатҳои мушоҳидашуда ва эҳтимолии тағйироти иқлимӣ, аз ҷумла барои Тоҷикистон, дар бораи манбаъҳои таъсир ба системаи иқлимӣ дар Тоҷикистон ва тадбирҳои кам кардани паробҳои газҳои парникӣ ва мусоидат ба мутобиқшавӣ;
- ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва мусоидат ба тайёр кардани маълумот барои шабакаи Интернет ва васеъ кардани имкони дастрасии аҳли ҷамъият ба шабакаи Интернет;
- таҳияи мақолаҳои оммафаҳм дар бораи тағйирёбии иқлим дар рӯзномаҳои марказӣ ва маҳаллӣ;
- доир намудани суханрониҳову семинарҳо дар корхонаҳои саноатӣ дар бораи сабабҳову оқибатҳои тағйирёбии иқлим, нақши саноат дар бадшавии вазъи экологӣ ва таъсир ба иқлим ва чораандешӣ барои коҳиши таъсироти зарарнок;
- баргузории семинарҳо ва мизҳои мудаввар барои роҳбарони ҳукуматҳо ва органҳои маҳаллии дигари ҳукумат доир ба тағйирёбии иқлим ва тадбирҳои мушахасси дарҷшуда дар Нақшаи миллӣ фаъолият, ки мумкин аст дар шароити маҳаллӣ барои коҳиши таъсири антропогенӣ ба иқлим ва мусоидат ба мутобиқшави бо муваффақият амалӣ гарданд;
- табъу нашри брошюраҳои баёнкунандаи паҳлӯҳои гуногуни масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва тадбирҳои кам кардани таъсири антропогенӣ ба иқлим, аз ҷумла тарҷумаи ахбору иттилооти байналмиллалӣ ба забонҳои маҳаллӣ;
- пеш бурдани кор бо аҳолӣ дар минтақаҳо, аз ҷумла бо ҷалби коркунони истгоҳҳои ҳавошиносӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимият барои ба таври оммабоб шарҳ додани масъалаи тағйирёбии иқлим ва тадбирҳое, ки дар шароити маҳаллӣ ба коҳиши таъсири антропогенӣ ба иқлим мусоидат мекунанд ва зимнан диққати махсус кардан ба масъалаҳои истифода аз манбаъҳои барқароршавандаи энергия, кам кардани пароканишу партобҳои наклиёт, ҳифозати ҷангалҳо ва истифодаи оқилонаи табиат;
- доир намудани арзёбии мунтазами огоҳии ҷамъиятӣ аз тағйирёбии иқлим барои омӯзиши фоиданокии тадбирҳои мурбут ба огоҳсозии аҳли ҷомеа ва таҳияи тадбирҳои иловагӣ.

Созмонҳои ҷамъиятии ғайриҳукуматӣ низ метавонанд аз роҳҳои зерин барои беҳсозии огоҳии аҳли ҷамъият ёрӣ расонанд:

- мусоидат ба мақомоти давлатии ҳокимият дар бобати амалӣ сохтани нуктаҳои дахлдори Нақшаи миллӣ фаъолият доир ба тағйирёбии иқлим;
- таҳия ва истифодаи усули муассири таълими масъалаҳои тағйири иқлим ба ҷавонон бо ҷалби ҷавонон ба тарҳрезӣ, таҳия ва татбиқи тадбирҳо;
- баргузории семинарҳову мизҳои гирди мавзӯи тағйири иқлим бо ҷалби мутахассисону донишмандони барҷастаи кишвар.